**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва макуоисавӣ**

Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи масоили консептҳои мухталиф аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ, алалхусус забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ аҳамияти хосса пайдо намуда, пажуҳишҳо дар ин самт ҳанӯз ҳам идома ёфта истодаанд, ки аз мубрамияти мавзуи таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Мубрамияти мавзуи мазкур боз дар он ифода мегардад, ки хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян намудани ҷузъҳои умумии консепти «одоб/ politeness», ки мансуб ба фарҳанги забонҳои баррасишаванда мебошанд, муқоисаи майдони маъноии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва таҳлили вижагиҳои ифодаи консепти «одоб/ politeness» тавассути формулаҳои одоби гуфтугӯ то ба имрӯз ба пуррагӣ таҳқиқ нашудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки вижагиҳои маъноӣ ва сохтории консепти одоб тибқи принсипҳо ва талаботҳои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва забоншиносии шинохтӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми пажӯҳиши масоили назариявии дигар консептҳо ба таври васеъ истифода бурд.

Аҳамияти амалии рисола дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои амалии онро ҳангоми таълими фанҳои типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ, лексикологияи забони англисӣ, назарияи ва амалияи тарҷума, тарҷумаи хаттӣ ва шифоҳӣ ва услубшиносӣ мавриди истифода қарор дод.

Оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расонида шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок карда

шудааст. Дар он мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, методҳои таткиқот ва сохтори кор низ муайян карда шудаанд.

Боби якуми рисола-«Забон ва фарҳанг дар раванди равобити байнифарҳангӣ» ном дошта, дар он оид ба масоили усулҳои нави таҳқиқи равобити забону фарҳанг дар забоншиносӣ, шинохти консепт дар забоншиносии муосир, сохтори консепт, забону фарҳанг ва тафаккури миллӣ, асосҳои маърифатии омӯзиши робитаи забон ва фарҳанг, шинохти мафҳуми фарҳанг, накши фарҳанг дар ташаккули тафаккури умумии забониву фарҳангӣ, ташаккули консептҳои миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон ва муошират ҳамчун навъи фаъолияти иҷтимоӣ равшанӣ андохта шудааст, ки таҳлилҳо ва таснифоти илмии диссертант дар ин боб ҷолиби диккат мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия-«Таҳлили муқоисавии мазмуни байнифарҳангии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» буда, тамоми хусусияҳои консепти «одоб» дар тасвири забонии мардуми тоҷик ва «politeness» дар тасвири забонии мардуми англис, бахусус дар тасвири муқаррарӣ (ҳамарӯза) ва тасвири илмии ин мардумон, ки мақоми махсус доранд, мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар боби мазкур муаллифи рисола тавонистааст бо мисолҳои мушаххас хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии консептҳои мавриди назарро дар забонҳои муқоисашаванда нишон диҳад. Бояд зикр намуд, ки диссертант бо истифода аз мисолҳои муътамади асарҳои бадеӣ масоили зикршударо мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таткиқот оид ба маъно ва сохтори консепти «одоб/ politeness»-и забонҳои муқоисашаванда дар тасвири забонии мардуми забонҳои муқоисашаванда дар асоси маводи асарҳои бадеӣ дарҷ гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ба таври дақиқ хусусиятҳои шабеҳ ва тафовутноки консепти «одоб/ politeness»-и забонҳои мавриди назарро аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ тасвир намудааст.

Дар баробари муваффақияти илмӣ дар автореферат нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани автореферати рисола мусоидат мекунад:

1. Дар диссертатсия на ҳамаи маъноҳои маҷозии консепти «одоб/ politeness» таҳқиқ карда шудаанд.

2. Хуб мешуд, ки дар боби дуюми диссертатсия дар баробари масоили баррасишуда ба таърихи пайдоиши консепти мавриди назар равшанӣ андохта мешуд, зеро он имконият фароҳам меорад, ки ҳар чи бештар хусусиятҳои маъноии консепт ошкор карда шаванд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд ҳастанд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ва автореферати онро коста намегардонанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Хушматов Н.Р. дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва

дарацаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷӣ
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Жураева Р. С.

Суроға: ш.Душанбе, кучаи Ҳусейнзода 155,
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов
E-mail: tjconservator@mail.ru

Имзои Р.С. Жураеваро тасдиқ мекунам:
и.в. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Алиҷонова Н. Э.